**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, www.tgfeu.tj**

# ТАҚРИЗ

***Ба автореферати дисертатсияи Назаров Муродали Солиҳович дар мавзӯи "Тафриқабандии минтақавии сатҳу сифати зиндаги (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)***

Имрӯзҳо фарқияти сатҳи зиндагии аҳолӣ дар минтақа аён буда, на ҳама паҳлуи сатҳ ва сифати зиндагӣ, ки аз фаъолияти анъанавии минтақаҳо ва аҳолии деҳоти вилоят бармеояд, дар методологияи муайянсозии сатҳи камбизоатӣ ва зиндагӣ ворид карда шудааст. Воқеан, сатҳи зиндагӣ самарабахшии меҳнатро дар ҷомеа инъикос менамояд. Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳоли омилҳое ҷой доранд, ки бе восита ба рушди иқтисодиёти мамлакат заминаи мусоид фароҳам меорад. Бояд қайд намуд, ки бе восита ба омилиҳои мавҷуда ба монанди сатҳи зиндагӣ, сифати зиндагӣ, камбизоатии дарозмуддат ва дигар омилҳо дар автореферат нишон дода шудааст. Сифати зиндагӣ бо дараҷаи қаноатмандии ниёзҳои инсон, ки дар робита бо меъёрҳо, урфу одатҳои дахлдор ва орзуҳои шахсӣ муайян карда мешавад, тавсиф мегардад. Сатҳи зиндагӣ ин бозгӯи дараҷаҳои сифатии шароити мавҷудияти инсон аст. Ба ин қисмат дохил карда мешавад: манзил, хӯрок, либос; дастрасии соҳаи иҷтимоӣ, ёрии тиббӣ; имкони гирифтани маълумот; муносибатҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа; вазъи экологӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Муаллиф қайд менамод, ки сатҳи зиндагӣ - ин чунин навъи рушде мебошад, ки дар он истифодаи захираҳои табиӣ, самтҳои сармоягузорӣ, прогресси илмию техникӣ, рушди неруи инсонӣ ва ислоҳоти институтсионалию беҳдошти фазои экологӣ бо ҳам мутобиқ гардонида шуда, талаботи имрӯзаи инсонҳоро қонеъ гардонида, талаботи наслҳои ояндаро зери хатар намегузорад.

Зимни таҳлилҳо муаллиф иброз медорад, ки музди меҳнати ҳармоҳаи номиналии меҳнат, ки ба кормандони кироякор пардохта шудааст, дар соли 2021 1540,84 сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2020 10,5% зиёд шудааст.

Муаллиф қайд кардааст барои баҳодиҳии сифати ҳаёти аҳолӣ, ба ғайр аз сатҳи зиндагӣ, нишондиҳандаҳое истифода мешаванд, ки вазъи демографӣ, шароити истироҳат ва зиндагӣ, нишондиҳандаҳои бозори

меҳнат, сифати меҳнат, амнияти экологӣ ва ҷамъиятиро тавсиф мекунанд. Сатҳи зиндагӣ дар минтақа пайваста рӯ ба болоравӣ дорад. Барои мукаммалтар арзёбӣ намудани ин раванд бозори меҳнат, шароити зист ва вазъи иҷтимоиву экологии минтақаро ба таври мукаммал бояд омӯхт.

Дар қатори он муваффақиятҳои автореферат баъзе эродҳо низ ҷой доранд ба монандӣ:

1. Зимни арзёбии тафриқабандии минтақавии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон) гузаронидани таҳлили омилӣ ба манфиати кор мебуд.
2. Хулоса ва тавсияҳо коркард мехоҳанд.

Хулоса автореферати диссертатсияи Назаров Муродали Солеҳович дар мавзуи « Тафриқабандии минтақавии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, Назаров Муродали Солеҳович сазовори дарёфти дараҷаи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)
мебошад.

**Муққариз:**
**Декани факултети баҳисобгирӣ – иқтисодӣ**
**ДБССТ н.и.и., дотсент** **Одиназода К.С.**

**Имзои Одиназода К.С.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси ДБССТ** **Ҷураев Ш.Н**